ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

**КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

ДУШАНБЕ – 2024

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «30» 09. с.2024, №9/8-26 тасдиқ шудааст.

**Мураттиб**: Ш. Сулаймонзода – н.и.и, дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ – риёзии МДҶТИБКСМ.

**Муқарризон:** Н. Қодиров – мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи АТТ.

О. Холова - сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррир: М.Солиева**– Мудири бахши мониторинги сифати таълими раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия дар паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ чунин пешниҳод намуданд, ки солҳои 2020-2040 бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон карда шавад. Аз ин сабаб дастуру супоришҳои Пешвои миллатро сармашқи кори худ намуда, барномаи мазкурро таҳия намудем.

Дар барномаи таълимии мазкур, методикаи таълими фанни асосҳои иқтисодиёт баррасӣ карда шудааст.

Барномаи мазкур дар асоси Стандартҳои давлатии таълимии маълумоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ тартиб дода шуда, аз қисматҳои зерин иборат мебошад: муқаррароти умумӣ; салоҳиятҳои фаннӣ; ташкили раванди таълими муносибати босалоҳият, арзёбӣ ва роҳнамо.

Дар барнома роҳҳои истифодабарии усулҳои фаъоли таълим, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, истифодабарии тестҳо дар ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ аҳмияти махсус дода шудааст.

Дархост ва эҳтиёҷоти омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиётро ба эътибор гирифта, дар барнома оид ба масъалаҳои асосии ҷараёни таълим ва корҳои таълимӣ маълумот дода шудааст.

Дар барнома тамоми мавзуъҳо тавассути воситаҳои нави таълим, слайдҳо, тахтаи электронӣ, проектор омӯзонида шуда, таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба назар гирифта шудааст.

Барномаи мазкур барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиёт тавсия карда мешавад.

## ПЕШГУФТОР

Яке аз омилҳои асосии рушди соҳаи маориф ин такмили ихтисоси омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Бинобар ин сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ба татбиқи ислоҳоти куллии соҳаи маориф равона гардидааст, зеро аз дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сатҳи омода намудани мутахассисони оянда – барпокунандагони ҷамъияти навини демократӣ вобаста аст. Баланд намудани маҳорати касбии омӯзгор яке аз талаботҳоест, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди кормандони соҳа, махсусан, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф гузоштааст. Аз худ намудани усулҳои нави таълими фан, хабардор шудан аз навигариҳои илму техника ҳатман ба такмили дониши омӯзгор, ба навоварии ӯ ва баланд шудани дониши хонандагон мусоидат мекунад.

Мақсади асосии барнома баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нави олимони фанни асосҳои иқтисодиёт, роҳу усулҳои нави таълим, методикаҳои умумӣ ва хусусии таълими фан дар синфҳои алоҳида бо истифодаи усулҳои нави инноватсионии таълим мебошад.

Шунавандагони курс дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, оид ба дастовардҳои нави илми педагогика ва психология, гирифтани донишҳои риёзӣ маълумот пайдо мекунанд. Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати одии истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунанд. Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ такя намуда, усулҳои таълимии гуногунро пешниҳод менамояд.

Донистани усулҳои гуногуни таълим ва муқоисаи онҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дар таълими мавзуъҳои мухталиф ин ё он усулро интихоб намуда, дониши хонандаро мукаммал намояд.

Хусусиятҳои хоси методикаи таълими асосҳои иқтисодиёти муосир аз фавран ворид кунонидани ғояҳои нави (навовариҳои) психологӣ ва дидактикии таълим мебошад. Аз ин рӯ, дар барнома диққат ба таҳлили фаъолияти маърифатии хонандагон (бо истифодабарии методҳои гуногуни таълими асосҳои иқтисодиёт) ва фаъолгардонии онҳо диққати махсус дода шудааст.

Дар барнома шиносоии омӯзгорон бо вазифа ва мазмуни курси асосҳои иқтисодиёт синфи 11; хусусиятҳои гуногуни шакл ва методҳои ташкили машғулиятҳои таълимӣ аз фанни асосҳои иқтисодиёт дар зинаҳои гуногуни омӯзиши он; истифодабарии имкониятҳои курси асосҳои иқтисодиёт дар ҳалли масъалаҳои иктисодӣ ; моҳият ва роҳҳои амалигардонии робитаи асосҳои иқтисодиёт бо дигар фанҳои таълимии мактабӣ дар назар аст.

Дар барнома ба ташаккули касбӣ ва маҳорати педагогии омӯзгор ва таъмини дидактикии ҷараёни таълим ва методикаи хусусии таълими фанни асосҳои иқтисодиёт дар мактаб машғулиятҳо оварда шудааст.

Инчунин, дар барнома нақшаи корӣ низ ҷой дода шудааст, ки раванди таълимро дар курс муайян карда, фаъолияти таълимии онро мувофиқи мақсад ба роҳ мемонад.

**1.Мақсади таълим** – ташаккул додани дониш, маҳорат, малака ва салоҳияти муайянро дар бар мегирад;

**2.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита дониш, маҳорат, малака ва салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

**3.Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4.Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома.** То анҷоми курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиёт дониш, малака ва маҳоратҳои зеринро бояд соҳиб гарданд:

- сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;
- навгониҳои соҳаҳои педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд.
- усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ намоянд;
- ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни таълим истифода баранд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзуъҳои асосҳои иқтисодиёт мутобиқи талаботи Стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монда тавонанд;

– дар фасли назария ва принсипҳои заминавии муносибати босалоҳият ба таълим, аз ҷумла фардикунонии раванди таълим, принсипҳои таълими самаранок, ташаккули малакаҳои фикрронии дараҷаҳои баланд, алоқамандии байнифаннӣ, стратегия ва методикаи таълими фанни асосҳои иқтисодиёт мувофиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим баррасӣ мешавад.

**Нақшаи**
**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиёт**

| | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| **1.** | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | **36** | **14** | **22** |
| **2.** | Педагогикаи касбӣ | **3** | 1 | 2 |
| **3.** | Психологияи касбӣ | **3** | 1 | 2 |
| **4.** | Технологияи иттилоотӣ | **4** | 1 | 3 |
| **5.** | Менеҷменти сиёсӣ | **2** | 2 | - |
| **ҲАМАГӢ** | | **48** | **19** | **29** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиёт**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1.** | **Тахассус, методикаи таълими фанни асосҳои иқтисодиёт** | **36** | **14** | **22** |
| **1.1** | Таҳлили мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни асосҳои иқтисодиёт, барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ, нақшаи тақвими аз фанни асосҳои иқтисодиёт. Таҳлили илмӣ-методии мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ | 3 | 1 | 2 |
| **1.2** | Тадбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт | 2 | 1 | 1 |
| **1.3** | Технологияи инноватсионии муносибати босалоҳият дар муассисаи таълимӣ. Салоҳияти омӯзгор ва хонанда | 2 | 1 | 1 |
| **1.4** | Мақсад ва вазифаҳои проблемагузорӣ дар дарс доир ба баланд намудани сатҳи дониши назариявӣ ва амалии хонандагон. | 2 | 1 | 1 |
| **1.5** | Усулҳои омӯзиши интереактивӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт | 3 | 1 | 2 |
| **1.6** | Ташкили иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорон аз фанни асосҳои иқтисодиёт | 2 | 1 | 1 |
| **1.7** | Банақшагирии таълими фанни асосҳои иқтисодиёт дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.8** | Тарзу усулҳои саволгузорӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт | 2 | 1 | 1 |
| **1.9** | Арзёбӣ. Арзёбии ташхисӣ, ташакулдиҳанда ва ҷамъбастӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт | 2 | 1 | 1 |
| **1.10** | Мафҳум ва моҳияти иқтисодиёт. Мактабҳои иқтисодӣ, мафҳумҳо ва қонунҳои иқтисодӣ | 3 | 1 | 2 |
| **1.11** | Пайдоиш ва тараққиёти назарияи иқтисодӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи он. Ақидаҳои иқтисодии мутафаккирони халқи тоҷик. | 3 | 1 | 2 |
| **1.12** | Низомҳои иқтисодӣ. Тавсифи умумии иқтисоди бозорӣ, истеҳсолоти молӣ ва заминаҳои пайдоиши он. | 4 | 1 | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **1.13** | Заминаҳои пайдоиши пул ва вазифаҳои он. Бекурбшавии пул: шаклҳо, сабабҳо ва оқибатҳои он. Сиёсати пулию қарзӣ, моҳият ва мақсади он. | 3 | 1 | 2 |
| **1.14** | Рақобат дар сиёсати зиддиинҳисории давлат дар шароити иқтисоди бозорӣ | 3 | 1 | 2 |
| **2** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | **10** | **4** | **6** |
| **2.1** | Роҳҳои татбиқи “20-солаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” дар соҳаи маориф ва илм дар МТМУ | 3 | 1 | 2 |
| **2.2** | Истифодаи техника ва технологияи педагогӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт | 3 | 1 | 2 |
| **2.3** | Нақши ҳамгиро намудани фанни асосҳои иқтисодиёт бо фанни технологияи иттилоотӣ. | 4 | 2 | 2 |

***Эзоҳ: Шунавандагон метавонанд мавзуъҳои иловагии алтернативии нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.***

## I. Тахассус, методикаи таълими фанни асосҳои иқтисодиёт

### Мавзуи 1.1. Таҳлили мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни асосҳои иқтисодиёт, барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ, нақшаи тақвими аз фанни асосҳои иқтисодиёт. Таҳлили илмӣ-методии мазмун ва сохтори китобҳои дарсӣ

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: таҳлили мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни асосҳои иқтисодиёт, барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ, нақшаи тақвими аз фанни асосҳои иқтисодиёт, таҳлил намудани китобҳои насли нав ва таҳлили илмӣ-методии китобҳои дарсӣ.*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ б) ҳамкорӣ в) маҳорати омӯхтан г)тафакури интиқодӣ д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ б) даркнамоӣ в)мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим.*

*- фарқи китобҳои насли нав аз китобҳои дарсии қаблан истифода шуда*

*- мазмуни китобҳои дарсӣ аз нуқтаи назари методӣ*

Таҳлили мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимӣ, барномаи таълимӣ чист, нақшаи таълимӣ чист, сохтори китоби дарсӣ, таҳлили илмӣ – методии мазмун ва сохтори китоби дарсӣ чӣ гуна аст, таҳлили илмӣ чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, таҳлили илмӣ – методӣ чӣ гуна ба роҳ монда мешавад.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

- мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимиро таҳлил карда тавонад;
- барномаи таълимиро омода карда тавонад;
- нақшаи таълимии фанни асосҳои иқтисодиётро омода карда тавонад;
- доир ба сохтори китоби дарсӣ маълумот дода тавонад;
- таҳлили илмӣ – методии мазмун ва сохтори китоби дарсиро гузаронида тавонад.

### Мавзуи 1.2. Тадбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс:малумот пайдо кардани шунавандагон аз методикаи таълими муносибат босалоҳият.*

*Аз худ намудани салоҳиятҳои фанни асосҳои иқтисодиёт;*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- манфиати технология дар ҷараёни таълими фанни асосҳои иқтисодиёт*

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-омӯзгорон дар бораи низоми салоҳиятнокии таълим ва равандҳои татбиқи он дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълимоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дошта бошанд;

-мафҳумҳои «салоҳият» ва «Таълими салоҳиятнокӣ» - ро дарк намоянд.

-вобаста ба ин омӯзгорон ба он водор карда мешаванд, ки моҳияти амалӣ намудани ин низомро аз нуқтаи назари технологияи муосири таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ намоянд;

-таълими салоҳиятнокӣ ва алоқамандии он ба омӯзиши фанни асосҳои иқтисодиёт, муқоисаи таълими анъанавӣ бо ин ъзизоми таълим, салоҳиятҳо дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт ҷамбаҳои муҳими татбиқи низоми салоҳиятнокӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт мебошад.

**Мавзуи 1.3. Технологияи инноватсионии муносибати босалоҳият дар муассисаи таълимӣ. Салоҳияти омӯзгор ва хонанда**

*Мақсади дарс: дарк намудани технологияи инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳият дар муассисаи таълимӣ.*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) Эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- истифодаи муносибати босалоҳият дар давоми дарс.*

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-технологияи инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳиятро дар соҳаи таълимро ҳамчун дастоварди таҷриба пешакӣ фикр карда, дар ҷойи зарурӣ ва вақти даркорӣ дар ҷараёни таълим татбиқ карда тавонад;

-нишонаи моҳиятии ҳар як технологияи таълим ишора ба характери ҳамкории иштирокчиёни ҷараёни таълим ва баъд аз он ба мазмун ва шароитҳои фанни таълимӣ фаҳмонида тавонад.

**Мавзуи 1.4. Мақсад ва вазифаҳои проблемагузорӣ дар дарс доир ба баланд намудани сатҳи дониши назариявӣ ва амалии хонандагон.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: ба маврид ва пурмазмун гузоштани мушкилот дар байни хонандагон аз мавзуи дарсӣ*

*Бо мақсад гузоштани мушкилот ва натиҷагирӣ карда тавонистан аз он*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим:*

*- мушкилотгузорӣ бо кадом мақсад дар байни хонандагон гузошта мешавад*

*- мушкилот гузори ба мустаҳкам гардонии дониши назариявӣ ва ё амалии хонандагон мусоидат мекунад;*

Мақсад ва вазифаҳои проблемагузорӣ дар дарс аз чӣ иборат аст, сатҳи дониши назариявӣ ва амалии хонандагон чӣ гуна баланд бардошта мешавад.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-оид ба мақсад ва вазифаҳои проблемагузорӣ дар дарс маълумот дода тавонад;

-сатҳи дониши назариявӣ ва амалии хонандагонро баланд бардошта тавонад;

-воситаҳои аёнии таълимиро омода карда тавонад;

-аҳамияти истифодаи самаранокии адабиётҳо ва воситаҳои таълимро барои хонандагон муайян карда тавонад.

**Мавзуи 1.5. Усулҳои омӯзиши интереактивӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: ба маврид ва пурмазмун фаҳмонидани мавзуи усулҳои таълим. Усулҳои интерактив.*

*Бо мақсад гузоштани мушкилот ва натиҷагирӣ карда тавонистан аз он*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим:*

*- фаҳмонидани меъёрҳои асосии усулҳои таълим.*

Меъёрҳои асосии модели интерактивии таълим: ин имконияти муҳокимаронихо ва пешниҳоди озоди мавзуъ, ваъзхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз тарафи хонанда, шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷроиши корҳои хаттӣ мебошад. Ташкили бозиҳои энерҷайзер дар давоми дарс.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-усулҳои омӯзиши фаъол ва ҳамкориро (ё муносибати мутақобиларо) байни омӯзгор ва хонанда, инчунин хонанда ва омӯзгорро донад;

- таҳлили калимаи «интерактив» ва тарзи истифодабарии онро дар дарсҳои фанни асосҳои иқтисодиёт донад;

-усули омӯзиши интерактивро ба хонандагон фаҳмонида тавонад .

**Мавзуи 1.6. Ташкили иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорон аз фанни асосҳои иқтисодиёт.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: матраҳ сохтани мушкилоти фанни ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилотҳои пешомадаи устодони фанни асосҳои иқтисодиёт дар ҷараёни таълимоти фанҳои зикрёфта.*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим:*

*- иттиҳодияҳои фаннӣ бояд аз чанд нафар иборат бошанд;*

*- ки метавонад аъзои иттиҳодияи методии фаннӣ бошад;*

*- саҳми иттиҳодияи методӣ дар таълими фанни химия .*

Иттиҳодияҳои методӣ чӣ гуна ташкил карда мешавад, бо кадом мақсад иттиҳодияҳои методӣ дар байни омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиёт

гузаронида мешавад, шумораи иштирокчиён бояд чанд нафарро ташкил диҳад, самараи ташкил ва гузаронидани иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии дар байни омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиёт, чӣ гуна ба натиҷаҳои интизоршаванда ноил мегардад.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-иттиҳодияҳои методиро ташкил карда тавонад;

-мақсади ташкилу гузаронидани иттиҳодияҳои методиро дар байни омӯзгорон фаҳмонида тавонад;

-шумора ва вақти гузаронидани иттиҳодияҳои методиро гуфта тавонад;

-ташкил ва самаранокии иттиҳодияҳои методиро фаҳмонида тавонад ва ба натиҷаҳои интизоршаванда ноил гашта тавонад.

## Мавзуи 1. 7. Банақшагирии дарси асосҳои иқтисодиёт. Таҳияи нақшаи дарси яксоата аз фанни асосҳои иқтисодиёт.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт .**

*Мақсади дарс:Таҳия намудани дарси яксоата бо дар назардошти муносибати босалоҳият дар таълим*

*Муайян намудани мақсадҳои дарс:*

*Риоя намудани ҳолатҳои дарси яксоата,*

*Таъмин намудани муназамият дар мавзуъҳо,*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) Эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- дар асоси кадом ҳуҷҷат дарс ба нақша гирифта мешавад,*

*- дарси яксоата аз чанд қисм иборат мебошад,*

*- модели сезинагии таълим дар раванди машғулиятҳо чи гунна истифода мешавад,*

*-фарқи таҳияи дарси яксоата дар таълимоти анъанавӣ аз таҳияи дарси яксоата дар муносибати босалоҳият дар таълим дар чи зоҳир мегардад.*

Банақшагирии дарси асосҳои иқтисодиёт, намудҳои дарс аз фанни асосҳои иқтисодиёт, рушди салоҳиятҳо дар раванди таълим, мазмун ва муҳтавои дарси яксоата, истифодаи модели сезинагии таълим, проблемагузорӣ дар таҳияи дарси яксоата, ба инобат гирифтани пайдарпайии мавзуъҳо ҳангоми таҳияи дарси яксоата.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад***:

-нақшаи дарси яксоатаро таҳия карда тавонад ва дар нақшаи дарси яксоата модели сезинагии таълимро ҷой диҳад;

-дар таҳияи дарси яксоата зинаҳои водорнамоӣ, даркнамои ва мулоҳизарониро дуруст истифода карда тавонад.

**Мавзуи 1.8. Тарзу усулҳои саволгузорӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: омӯзиши тайёр намудани саволҳо ва саволгӯзорӣ дар ҷараёни дарс.*

*Васеъ истифода намудани технологияи инноватсионӣ дар ҷараёни омӯзиш*

*Дар шакли назариявӣ ва амалӣ гузаронидани машғулият*

*Гирифтани дониши амалии хонандагон*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- омода намудани аёниятҳои вобаста ба мавзуъ бо истифодаи компютер,*

*- омода намудани дарс тавассути доскаи электронӣ,*

*- баргузор намудани машғулиятҳо тавассути намолавҳаҳо.*

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад***:

-мавқеи саволҳои таълимиро дар ҷараёни дарс муайян карда, намудҳои гуногуни саволҳоро таҳлил карда тавонад;

-намунаи саволҳоро гурӯҳбандӣ кунад;

- фарқияти саволҳоро гуфта тавонад;

-вобаста ба вазъият дар ҷараёни дарс аз саволҳои гуногун истифода бурда тавонад.

**Мавзуи 1.9. Арзёбӣ. Арзёбии ташхисӣ, ташакулдиҳанда ва ҷамбастӣ дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: Дуруст арзёбӣ намудани раванди таълим*

*Маълумоти пурра пайдо намудани хонандагон аз шаклҳои арзёбӣ*

*Истифода намудани намудҳои арзёбӣ дар байни хонандагон*

*Муайян кардани тафовути байни арзёбӣ ва баҳогузорӣ*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим:*

*- истифода намудани шаклҳои арзёбӣ;*

*- истифодаи арзёбии ташхисӣ;*

*- истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда;*

*- истифодаи арзёбии ҷамъбастӣ;*

*- мақсадҳои арзёбӣ дар раванди таълим.*

Маънои калимаи арзёбӣ, фарқияти арзёбӣ аз баҳодиҳӣ, сабаб ва натиҷаҳои истифода намудани арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ, навъҳои арзёбӣ, меъёрҳои арзёбӣ. Роҳҳои таҳия ва алоқаи он ба раванди таълим,

манфиати истифодаи арзёбӣ дар ташаккули тафаккури хонандагон, маърифати арзёбӣ .

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад***:

-маънои калимаи арзёбиро ба хонандагон фаҳмонида тавонад;

-навъҳои арзёбиро дар ҷараёни таълим истифода бурда тавонад;

-дониши хонандагонро арзёбӣ карда тавонад;

-маърифати арзёбиро истифода намуда, хонандагонро баҳогузорӣ карда тавонад.

## Мавзуи 1.10. Мафҳум ва моҳияти иқтисодиёт. Мактабҳои иқтисодӣ, мафҳумҳо ва қонунҳои иқтисодӣ

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: хонандагон оид ба муодилаҳо ва намудҳои он маълумоти пурра дошта бошанд*

*Ҳангоми ҷараёни дарс аз методҳои муосир истифода бурдани хонандагон*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим:*

Якум иқтисодиёт – ин маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки байни одамон

дар доираи истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмоли неъматҳо ва хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддӣ сурат мегиранд. Бояд дар назар дошт, ки иқтисодиёт бо риштаҳои ноайён ҳамаи паҳлӯҳои ҷомеаро фаро мегирад.

Дуюм, иқтисодиёт тарзи ташкили фаъолияти одамонро ифода карда, барои ба вуҷуд овардани неъматҳои зарури истеъмолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи онҳо нигаронда шудааст. Талабот ҳоҳиши бошуурона ва ё бешууронаи одамонро барои ба даст овардани неъматҳои зарурӣ ба мақсади пешбурди фаъолият ва инкишофи шахс ифода менамояд.

Сеюм, иқтисодиёт илмест, ки истифодабарии самараноки захираҳои маҳдудро барои қонеъ гардонидани талаботи номаҳдуди одамон меомӯзад.

Умуман истилоҳи «иқтисодиёт»-ро ҳамчун қонун, қоидаи хоҷагидорӣ, яъне тарзу усулҳои хоҷагидорӣ бо мақсади таъмини талаботи одамон тавассути истеҳсоли неъматҳои ҳаётан зарур маънидод кардан мумкин аст.

Аз сабаби он ки илми иқтисодиёт рафтор, фаъолияти одамонро меомӯзад ба гурӯҳи илмҳои ҷамъиятӣ дохил мешавад.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад***:

-қонунҳои иқтисодӣ, робитаҳои доимӣ, устувор ва такроршавандаи байни ҳодисаву ҷараёнҳои иқтисодиро донад;

-унсурҳои алоҳидаи низоми иқтисодӣ, таносубияти байни истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмоли неъматҳо маълумот гиранд;

- хадамот ва нишондиҳандаҳое, ки онҳоро тавсиф медиҳанд фаҳмида тавонанд.

**Мавзуи 1.11. Пайдоиш ва тараққиёти назарияи иқтисодӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи он. Ақидаҳои иқтисодии мутафаккирони халқи тоҷик.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: ба хонандагон додани донишҳои назариявӣ ва амалӣ аз қонунҳои асосии асосҳои иқтисодиёт, мафҳумҳо ва истилоҳҳои асосӣ дар фанни асосҳои иқтисодиёт*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим:*

*- зарурияти омӯзиши масъалаҳои мушкил дар иктисодиёт;*

*-донистани мафҳумҳо ва истилоҳот аз фанни асосҳои иқтисодиёт.*

Тафаккури иқтисодӣ ҳамсолу ҳаммаслаки ҷомеаи инсонӣ буда, баробари эҳё ва ташаккули воситаҳои меҳнат, зина ба зина тӯли қарнҳои зиёд инкишофу таҳаввул ёфтааст. Афкори иқтисодӣ, дар ибтидо, ҳамчун падидаҳои алоҳидаи ҳикмат ва андешаҳои гусаста ташаккул ёфта, аз ҷониби донишмандон ва мутафаккирон аҳёнан собит карда шудаанд ва онҳоро дар шакли том муттаҳид кардан номумкин аст.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-дар бораи мутафаккирони барҷастае, ки дар ҷодаи ҷанбаҳои муҳимтарини иқтисод ҷонбозиҳо маълумот дошта бошанд;

-аз адабиётҳо оид ба иқтисодиёт аз асарҳои мутафаккирони зиёде ("Сиёсатнома"-и Низомулмулк, "Қобуснома"- и Унсурмаолии Кайковус, "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ, Ғазолӣ, Аҳмади Дониш, С. Айнӣ ва дигарон) маълумот дода тавонед.

**Мавзуи 1.12. Низомҳои иқтисодӣ. Тавсифи умумии иқтисоди бозорӣ, истеҳсолоти молӣ ва заминаҳои пайдоиши он**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт:**

*Мақсади дарс: ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли корҳои амалии хонандагон,*

*Ҳар як масъала бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешаванд аз ин хотир роҳҳои соддаи ҳалли корҳои амалии хонандагонро роҳандози менамоем*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- кадом намуди зинахои пайдоиши молро медонед,*

*-ҳалли мушкилотхои иктисоди бозориро чи гуна ба хонанда фаҳмонда тавонед.*

“Низоми иқтисодӣ”- шаклҳои ташкили фаъолияти хоҷагидорие мебошанд, ки аз рӯи: 1) тарзи ташкили фаъолияти хоҷагидории одамон, корхонаҳо ва давлат; 2) шакли моликият ба захираҳои иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Пайдоиш ва инкишофи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ дар шаклҳои гуногун ба амал омада, ҳар яке аз онҳо бевосита ба низомҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошад.

Хоҷагии натуралӣ гуфта чунин шакли хоҷагидориеро меноманд, ки маҳсули он танҳо барои истеъмоли истеҳсолкунанда метавонад кифоя бошаду бас, яъне чунин тарзи хоҷагидорӣ ба бозор алоқа надорад. Бинобар ин хоҷагии натуралӣ бозорро ба вуҷуд оварда наметавонад ва асосан ба он зинаҳои ҷамъият мансуб аст, ки дорои дараҷаи пасти инкишофи истеҳсолот мебошад.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-маълумот дар бораи тавсифи умумии иқтисоди бозорӣ, истеҳсолоти молӣ ва заминаҳои пайдоиши он дода тавонед;

-оид ба арзишхои истеъмолӣ ва мубодилавӣ шарх дода тавонед.

## Мавзуи 1.13. Заминаҳои пайдоиши пул ва вазифаҳои он. Беқурбшавии пул: шаклҳо, сабабҳо ва оқибатҳои он. Сиёсати пулию қарзӣ, моҳият ва мақсади он.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: Барраси намудани роҳҳои чустуҷӯи роҳҳои ҳалли заминаи пайдоиши пул;*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- кадом намуди масъалаҳо мураккаб ҳисобида мешаванд,*

**Моле, ки барои молҳои дигар ҳамчун эквиваленти умумӣ хизмат мекунад, пул ном дорад**. Дар илми иқтисод як қатор назарияҳои илмии пайдоиш ва моҳияти пул, аз ҷумла назарияи ратсионалистӣ ва таҳавуллотӣ мавҷуданд. *Назарияи ратсионалистӣ* пайдоиши пулро ҳамчун натиҷаи қарордоди байни одамон меҳисобанд.

*Мувофиқи консепсияи таҳавулотӣ* пайдоиши пул дар натиҷаи рушди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, мубодила ва истеҳсолоти молӣ ба вуҷуд омадааст.

***Омӯзгори фанни асосхои иктисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-мақсади омӯзиши ҳалли масъалаҳои иктисодиро ба хонандагон фаҳмонида тавонад;

-масъалаҳои мураккаби иктисодиро ҳал карда тавонад;

-мол ва тарзи самараннок истифодабарии онро фаҳмонида тавонистани омӯзгор ба хонандагон.

## Мавзуи 1.14. Рақобат дар сиёсати зиддиинҳисории давлат дар шароити иқтисоди бозорӣ

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: омӯзонидани нозукиҳои амалҳои арифметикӣ*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

Моҳияти рақобат ва инҳисорот дар шароити гузариш ва муносибатҳои бозорӣ. Зарурат ва роҳҳои танзими инҳисорот. Самтҳои танзими давлатии инҳисорот дар кишварҳои хориҷӣ. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва мақомоти давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Проблемаҳои асосии амалисозии сиёсати зиддиинҳисории давлат дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ.Самтҳои асосии танзими зиддиинҳисорӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи усулҳои пешқадами он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-омӯзгор оид ба рақобат дар сиёсати зиддиинҳисорот давлат дар шароити иктисоди бозори маълумот дошта бошад;

-қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва мақомоти давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст барассӣ намудани омӯзгор ба хонандагон.

## 2.МАВЗУЪҲОИ ИЛОВАГИИ АЛТЕРНАТИВӢ

### Мавзуи 2.1. Роҳҳои татбиқи “20-солаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” дар соҳаи маориф ва илм дар МТМУ

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс:иҷрои нуктаи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ.*

*Рушд додани омӯзиш ва дар амал татбиқ намудани фанни асосҳои иқтисодиёт асосдар МТМУ*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- мақсади омӯзиш ва рушди фанҳои дар боло зикр ёфта ,*

*- роҳҳои ҷалби хонандагон ба фанни асосҳои иқтисодиёт чӣ гуна мебошад,*

*- давоми соҳои 2020-2040 илми назариявии асосҳои иқтисодиётро дар амал татбиқ карда тавонистани омӯзгор.*

Рушди илми асосҳои иқтисодиёт сабаби саноатикунонии бо суръати мамлакат маҳсуб меёбад, ҳангоми амали намудани фанни асосҳои иқтисодиёт ва дигар фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ рушд бахшида сатҳи зиндагии аҳолии мамлакатро хуб намоем.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт усулҳои ҷалби хонандагонро ба омӯзиши фанни асосҳои иқтисодиёт истифода бурда тавонад;

-хонандагонро шавқманд намуда, онҳоро аз омӯзишӣ илми назариявӣ ба омӯзиш ва татбиқи донишҳои доштаашон роҳнамоӣ карда тавонад.

## Мавзуи 2.2. Истифодаи техника ва технологияи педагогӣ дар таълими фанни .

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: истифодаи технологияи педагогӣ, ҷиҳати боло бардоштати завқи хонандагон ба фанни асосҳои иқтисодиёт ва дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) Эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- муайян намудани фарқияти техника ва технологияи педагогӣ*

*- кадом усули таълимро техника ва технологияи педагогӣ меноманд;*

*- сабабҳои истифода намудани техникаи педагогӣ дар чист;*

Истифодаи технологияи педагогӣ дар замони ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар басо амали саривақтӣ мебошад. Зеро барои дастрас намудани маълумот сарчашмаҳои васеъ амал менамоянд ва андешаи хонандагонро ҷалби омӯзиш ва хондани маълумоти зарурӣ мебоияд.

Технологияи педагогӣ василаи асосии фаҳмиш ва даркунии маънӣ маҳсуб меёбад.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт аз техника ва технологияи педагогӣ истифода карда тавонад;

-хонандагонро барои омӯзиши фанни асосҳои иқтисодиёт ҷалб намуда тавонад;

- психологияи сину соли хонандагонро муайян намуда, ба таври лозима амал намуда тавонад.

## Мавзуи 2.3. Нақши ҳамгиро намудани фанни асосҳои иқтисодиёт бо фанни технологияи иттилоотӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт**

*Мақсади дарс: истифода намудани технологияи иттилоотӣ дар раванди машгулиятҳо аз фанни асосҳои иқтисодиёт*

*Рушд додани салоҳиятҳои асосӣ: а) эҷодкорӣ; б) ҳамкорӣ; в) маҳорати омӯхтан; г)тафаккури интиқодӣ; д) комуникативӣ.*

*Истифодаи модели сезинагии таълим: а) водорнамоӣ; б) даркнамоӣ; в) мулоҳизаронӣ.*

*Истифодаи панҷараи методҳо дар ҷараёни таълим*

*- технологияи иттилоотӣ дар дарсҳои асосҳои иқтисодиёт чи гуна истифода бурда мешавад,*

*- истифодаи технологияи иттилоотӣ дар дарсҳои асосҳои иқтисодиёт чӣ манфиат дорад*

*- истифодаи технологияи иттилоотӣ дар таълимоти фанни асосҳои иқтисодиёт ва рушди зеҳнии хонандагон чӣ гуна нақш дорад.*

Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар дарсҳои асосҳои иқтисодиёт нақши озмоишгоҳро бозида, дар тафакури эҷодии хонандагон нақши муҳимро ичро менамояд. Истифодаи технологияи иттилоолтию коммуникатсионӣ раванди омӯзишро осон ва сифати таълимро хуб менамояд. Ҳамзамон, бидуни технологияи иттилоотӣ боло бардоштани сифати таълим ва ё самарабахш гардонидани раванди машғулиятҳо хеле мушкил аст.

***Омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

-омӯзгори фанни асосҳои иқтисодиёт аз технологияи иттилоотӣ пурра истифода карда тавонад;

-корҳои озмоиширо тариқи тахтаи электронӣ ба намоиш гузошта, таомулҳоро дар шакли намоишӣ пешниҳоди хонандагон гардонида тавонад;

-машғулиятҳоро дар шакли намолавҳа бо ёрии тахтаи электронӣ баргузор намояд.

## Адабиёт


1. А.Эргашев, Ҳ. Муҳадбердиев. Курси назарияи иқтисодӣ (китоби дарсӣ). Қ. 1. Микроиқтисод. Душанбе, 2001.
2. Абрамов В.Л. Управление конкуретноспособностью экономических систем. Маркетинг-2004.
3. Агапова Т.А., Серегина С.Ф. Макроэкономика (учебник). /Под общей ред. А.В. Сидоровича. М., 2004
4. Андешаҳо, перомуни салоҳиятҳо, ва ташаккули онҳо. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Душанбе 2017;
5. Анышин В.М. Инновации и рынок, стратегия управление эффективность. -М.: 1992
6. Архипов А.М. Роль конкуренции в развитии риночной экономики. Финанси и кредит -2007.
7. Б. Исоматов, Ҳ. Муҳадбердиев, Таърихи афкори иқтисодӣ (китоби дарсӣ) Душанбе 2005.
8. Баканов М.И. Шеремет А.Д. «Теория анализа хозяйственной деятельность» финансы и статистика Москва 2000.
9. Бобокалони Исомат. Асосҳои назарияи иқтисод. Китоби дарсӣ. Чопи сеюм ш.Душанбе. «Паёми ошно». Қисми дуюм. 2007, бобби 32.
10. Бобылев С.Н., Гирусов Э.В., Крецу Н.С., Экономика устойчивого развития: Учеб.пособие -М.: СТУПЕНИ, 2004-304с.
11. Ивашковский С.Н. Макроэкономика (учебник) М., 2000.
12. Каримов Б. Таҳлили иқтисодӣ Душанбе-Ирфон, 2005.
13. Комилов А. Гулов Ш. Назарияи иқтисодӣ қисми микро ва макро Д-2014
14. Комилов С. Низомова Т.Д. Иқтисоди корхона (китоби дарсӣ)-Душанбе: «Диловар - ДДМТ». 2001. боби 1
15. Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.Х.
16. Маҷмӯи истилоҳҳо ва мафҳумҳои мухтасари иқтисодӣ аз фанни назарияи умумии иқтисодӣ. Васоити таълимӣ. ДУШАНБЕ – 2017
17. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Иқтисоди корхонаҳои хурду миёна. Китоби дарсӣ. - Душанбе «Ирфон», 2009. - 467 с.
18. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.
19. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488
20. Ревинский И.А. Международная экономика и мировые рынки (учебное пособие). - Новосибирск, 1998.
21. Романов В.Н., Романова Г.В. Современная экономика в вопросах и ответах (микроэкономика). С.Пб, 2001.
22. Рузавин Г.М. Основы рыночной экономики (учебное посо¬бие). М., 1996.
23. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. Душанбе -2018;